## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешниҳод шудааст.**

«16» 12. соли 2023 ш. Душанбе

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон” таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби диссертант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Таҳқиқоти илмӣ масоили марбут ба ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистонро дар бар гирифта, муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба асоснок намудан ва нишон додани роҳу усулҳои таҳлил ва ояндабинӣ дар идоракунии равандҳои сармоягузорӣ тавсия намуда, пешниҳодҳои илман асоснокро манзур доштааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқшаванда дар таъмини амнияти гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нави рушди иқтисодиёт ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2022, таҳти №268ш/д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 4,8 ҷузъи чопӣ) ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзуи “Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ

дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон”  барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Раҳимов Зафар Сайдалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, саромӯгори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Садридинов С.

доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Рауфӣ А.